*Иттифоқ аст он, ки ҳар душворро осон кунад,*
*Варна аз тадбири як нохун гиреҳ натвон кушод.*

# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 1 (88)
10 ЯНВАРИ СОЛИ 2017
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

**Нашрияи Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР»:

### Тоҷикистон кишвари ташаббускор аст!



Тавре ҳамагон огоҳем, чанде пеш ба унвонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи Дабири кулли СММ Пан Ги Мун номаи табрикӣ расид. Дар он аз хусуси қабул шудани Қатъномаи навбатии Маҷмааи Умумии СММ Даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» сухан меравад. Дар номаи шодбошӣ ҳамчунин таъкид гардида буд, ки даҳсолаи мазкур дар таҳким ва вусъатбахшии дастовардҳои Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, 2005-2015» мусоидат менамояд.

Пеш аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки тӯли 25-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пешниҳоди чоруми ҷониби Тоҷикистон дар мавзӯи беҳдошти об аст, ки аз тарафи СММ дастгирӣ ёфта, амалӣ мегардад. Ва ин низ боиси ифтихори мо-тоҷикон аст, ки бо ибтикор ва ташаббуси Пешвои миллат, Президенти азизамон Маҷмааи умумии СММ дар ҷаласаи 71-ум бо ҷонибдории бештари кишварҳои аъзо Қатъномаи навбатии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028»-ро қабул намуд.

Ин пешниҳод аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои глобалӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ оид ба об яке аз самтҳои муҳимтарин ба шумор меравад.

Мушкилоти экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва обшавии пиряххо, камшавии об ва танқисии аҳолӣ аз набудани оби ошомиданӣ дар сайёра, истифодаи самараноку оқилонаи об аз зумраи масъалаҳоест, ки бевосита, аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ ироа гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳи ҳалли худро пайдо намуда истодааст.

Бо пешниҳод ва ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» соли 2013 ва соли байналмилалии санитария қатъномаҳои СММ қабул гардидаанд ва дар ин самт як қатор мушкилиҳои ҷойдошта бартараф гардида, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ шудаанд.

Тақрибан 6 сол пеш аз ин Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 63-юми СММ баромад намуда, се масъалаи асосиро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа ва глобалӣ арзёбӣ намуданд, ки ин: 1) тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин; 2) таъминоти бехатарии озуқаворӣ; 3) истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ буд.

Бо пешниҳоду баррасии ин масъалаҳо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба осонӣ дарк намуданд, ки об ҳамчун асоси ташаккулёбии саноат, иҷтимоиёт ва тараққиёбию таҳаввулоти хоҷагии халқ ва муҳимтар аз ҳама, яке аз сарчашмаҳои паст гардидани сатҳи камбизоатии мардуми сайёра мебошад.

Иқдомҳои пешгирифтаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзиши умумибашарӣ дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷомеаи башарӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва дорои таваҷҷуҳи хос дар ҳалли мушкилоти сайёра ва проблемаҳои глобалӣ муаррифӣ кардаанд. Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ низ қайд карданд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст».

Зарурати қабули Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ба он равона шудааст, ки масъалаҳои вобаста ба об ба ҳама кишварҳои олам дахл дорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳое, ки дар Қатънома дарҷ гардидааст, ин «афзоиши аҳолию раванди шаҳрнишинӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ ва тағйири иқлим, инчунин, набудани имконият барои таъмини истифодаи мақсадноки об ва дар оянда авҷ гирифтани мушкилоти марбут ба набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар, хизматрасонии асосӣ дар соҳаи беҳдошт ва малакаҳои қавии тозагӣ, нобаробарӣ ба дастрасӣ, офатҳои гидрологӣ ва норасоии об оварда мерасонад». Дар баробари ин, «хоҷагидории бесамар, таҳияи бемақсад, афзоиши номуайяниҳо ва хатарҳое, ки бар асари тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳо ба амал меоянд, бисёре аз низомҳои экологиро (экосистемаҳоро) зери хатар қарор медиҳанд».

Тавре маълум аст, дар Даҳсолаи байналмилалии амал – «Об барои рушди устувор, 2018-2028», ки аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, то 22 марти соли 2028 ба охир мерасад, иҷрои як қатор лоиҳаҳо оид ба масъалаи об амалӣ мегарданд. Ҳадафҳои қатъномаи мазкур низ басо фароз буда, муносибат ба об фарҳанги махсусро хоҳон аст.

Гузашта аз ин, яке аз ҳадафҳои стратегии давлати мо низ расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад, ки расидан ба ин ҳадаф аз истифодаи самараноки захираҳои об вобаста мебошад.

Маҳз кишвари мо, ки ҳамчун давлати аграрӣ эътироф гардидааст, табдил додани он ба давлати индустриалӣ ва аграрӣ тавассути истифодаи оқилонаи об ва захираҳои обӣ метавон ба он ҳадафҳои стратегӣ расид, ки дар баромадҳояшон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ин нуктаро таъкит намудаанд.

Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», ки СММ бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул намудааст, иқдоми бузургест, ки тадбиқи ҳамаҷонибаи он ба ҳаёти кулли сокинони сайёра беҳбудӣ мебахшад ва ба хонадони ҳар як фарди ҷомеаи башарӣ хушбахтӣ меорад. Ҳамзамон, нуфузу эътибори кишвари азизамон-Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ҷойгоҳи махсусро касб менамояд.

**Р.ОДИНАЗОДА,**
**раиси Кумитаи иттифоқи**
**касабаи маориф ва илм**

**Шаҳзод валади АМИН,**
**сокини шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон**

## ТУ ФАРЗАНДИ ҶАҲОН ГАШТӢ

*Илҳом аз пешниҳоди нави Сарвари муаззами тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби СММ пазируфта шуд*

**Барои африқоӣ оби нӯшокӣ ҳама захр аст,**
**Агарчӣ ними дунё сар ба сар дарёсту баҳр аст.**

**Ба тӯли ҳафта то садҳо ҳазорон тифлаки маъсум**
**Барои қулти обе зор, аз ҷон мешавад маҳрм.**

**Барои ёрии эшон садо аз ҳар тараф ояд,**
**Ки гӯё мерасонад баҳрашон он чиз мебояд.**

**Надорад ҷуз ғараз дар пай, ҳама ҳарфе ки мегӯянд,**
**Ҳадаф нафт асту сарват, ҳар куҷое муфт меҷӯянд.**

**Ба болои сари лабташнагон борут мерезанд,**
**Замину хокашонро то шавад нобуд, мебезанд.**

**Ҳаёту бахтро моли ҳалоли хеш пиндоранд,**
**Барои ҷумлагӣ бечора тухми марг пеш оранд.**

**Туӣ, ки абри манҳуси ҷаҳолатро фикандӣ дур,**
**Хирад афрохтӣ бар рағми таҳдиду нишони зӯр.**

**Дигарҳо дар сиёсат маргро бинанду ҳам куштор,**
**Сари ҳар минбаре аз сулҳу ободӣ туро гуфтор.**

**Чароғи роҳи фардоро фурӯзон карда бо сад ранҷ,**
**Туӣ эҳдои Эзид, эй гаронтар аз ҷаҳони ганҷ.**

**Ҷаҳонӣ карда тоҷикро, худат фарди ҷаҳон гаштӣ,**
**Барои миллати дунё ту фарзанди замон гаштӣ.**

**Бознашр аз**
**ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»,**
**№1 (1868), 5.01.2017**

# НАҚШАИ КОРИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2017

## 1.Масъалаҳое, ки дар Пленуми I Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати санҷиш | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Натиҷагирии иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №433 «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият мекунанд» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Март-апрел | Май | Ҳисоботи раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ | Раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ | Нозири меҳнат, нозири ҳуқуқи меҳнат |
| 2 | Масъалаҳои ҷорӣ | | | | | |

## Масъалаҳое, ки дар раёсатҳои Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд

### РАЁСАТИ №1

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати санҷиш | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Оид ба иҷрои буҷети Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва тасдиқи буҷет барои соли 2017 | Январ | Феврал | Ҳисобот, лоиҳаи қарори раёсат | Комиссияи назорати тафтишотӣ, сармуҳосиб | Раиси кумита |
| 2. | Ҳисоботи комиссияҳои доимоамалкунандаи назди Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи нақшаи кори онҳо дар соли 2017 | Январ | Феврал | Ҳисобот, лоиҳаи қарори раёсат | Раисони комиссияҳои доимӣ | Муовини раиси кумита |
| 3. | Омӯзиши масъалаи аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормандони соҳа дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Январ | Феврал | Маълумотнома, қарори раёсат | Раисони кумитаҳои иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муовини раиси кумита |
| 4. | Масъалаҳои ҷорӣ | | | | | |

### РАЁСАТИ №2 (РАЁСАТИ САЙЁР ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД)

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати санҷиш | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тасдиқи харҷнома, тақсимоти роҳхатҳо, таъмир ва омода намудани истироҳатгоҳи берунназшаҳрии «Чайка» ба мавсими истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон | Март | Апрел | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Сармуҳосиб, нозири меҳнат, нозири ҳуқуқ, эксперт | Раиси кумита |
| 2. | Санҷиши фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Ҷ.Расулов, Ашт, Восеъ, Ҷ.Балхӣ оид ба иҷрои вазифаҳои оинномавӣ | Март | Апрел | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Шуъбаи ташкилӣ, коргузорӣ ва кадр, нозири ҳуқуқи меҳнат, нозири меҳнат | Муовини раиси кумита |
| 3. | Ҳисоботи комиссияи назоратию тафтишотии Иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти молиявии ДМТ ва ДДОТ ба номи С.Айнӣ | Март | Апрел | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Комиссияи назорати тафтишотӣ, сармуҳосиби кумита | Раиси кумита |
| 4. | Масъалаҳои ҷорӣ | | | | | |

### РАЁСАТИ №3

| | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати санҷиш | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Санҷиши назорати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиентҳо барои кор дар биёбон, ҷойҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ» дар ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Темурмалики вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ ва Деваштичи вилояти Суғд | Сентябр | Октябр | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Комиссияи ҳифзи меҳнат, нозири ҳуқуқи меҳнат, нозири меҳнат | Муовини раиси кумита |
| 2. | Оид ба ҷамбасти истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сентябр | Октябр | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Шуъбаи молия, банақшагирӣ ва хоҷагидорӣ | Раиси кумита |
| 3. | Масъалаҳои ҷорӣ | | | | | С. 3 |

## РАЁСАТИ №4

| | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати санҷиш | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018 | Ноябр | Декабр | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, Академияи илмҳои ҶТ | Аъзоёни раёсат |
| 2. | Баррасӣ ва тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 | Ноябр | Декабр | Лоиҳаи нақшаи корӣ | Кормандони дастгоҳ, раисони кумитаҳои зерсохтор | Муовини раис |
| 3. | Санҷиши фаъолияти молиявӣ, коргузорӣ ва амалишавии қарорҳои Пленум, раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Н.Хусрав, Қубодиён, Шаҳритус ва Дӯстӣ | Октябр -ноябр | Декабр | Маълумотнома, лоиҳаи қарори раёсат | Гурӯҳи корӣ, нозири ҳуқуқ, нозири меҳнат | Муовини раис |
| 4. | Пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ, Шиносномаи иҷтимоӣ, шаклҳои 4-НМ, 5-НҲ, варақаҳои корношоямӣ ва ҳисоботи шуъба ва мутахассисон | Ноябр | Декабр | Ҷамъбасти ҳисобот | Шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузорӣ, | Раиси кумита, муовини раиси кумита |

## ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ

| Т/р | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Мӯҳлати муҳокима | Шакли иҷро | Иҷрокунанда | Назораткунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Омода ва амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Январ | Феврал | Нақшаи чорабинӣ | Раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раиси кумита |
| 2. | Амалӣ намудани қарорҳои Анҷумани XII ва талаботи Оинномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама ташкилотҳои зерсохтор | Январ | Декабр | Назорат ва санҷиш | Кормандони дастгоҳ, раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 3. | Ташкил ва гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо ҷалби раисони кумитаҳои ибтидоии иттифоқи касабаи соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Январ | Декабр | Ҳисоботи солона | Мутахассисони дастгоҳи марказӣ, раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 4. | Идома додани корҳо оид ба таъмини аъзоёни иттифоқи касаба бо билети аъзогӣ | Январ | Декабр | Ҳисоботи солона | Муҳосиботи кумита, раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, раисони КИК ва КМИК муассисаҳои таълимӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сармуҳосиби кумита |
| 5. | Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ВАО | Январ | Декабр | Нашри мақолаҳои таҳлилӣ ва таблиғӣ | Комиссияи доимии назди кумита оид ба ҳамкорӣ бо ВАО, сармуҳаррири моҳномаи «Ҳомии омӯзгор» | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 6. | Назорат оид ба пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони муассисаҳои таълимии соҳа, ки иттифоқи касабаашон ба сохтори кумита шомиланд | Январ | Декабр | Санад, мактуб | Нозирони ҳуқуқ ва меҳнат, раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ноҳиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 7. | Гузаронидани чорабинӣ бахшида ба иди байналмилалии «Наврӯз» дар ҳамкорӣ бо ВАО | Март | Март | Чорабинии фарҳангӣ | Комиссия оид ба масъалаҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ, сармуҳаррири «Ҳомии омӯзгор» | Раиси кумита |
| 8. | Баргузор намудани Конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни Ваҳдати миллӣ | Дар давоми сол | Дар давоми сол | Ташвиқу тарғиб | Комиссияи доимӣ оид ба корҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 9. | Назорати вазъи хобгоҳҳои донишҷӯён, маблағи зист ва тақсимоти одилонаи хобгоҳ барои донишҷӯён ва кормандон | Январ | Декабр | Ҳисоботи солона | Шахси муттасадӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, раисони КИК ва КИМИК | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 10. | Назорати пардохти стипендия ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Январ | Декабр | Ахбори комиссияи доимии кор бо ҷавонони назди кумита | Шахси муттасадӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, раисони КИК ва КМИК, нозирони ҳуқуқ ва меҳнат | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 11. | Саҳмгузорӣ ва мусоидат намудан дар баргузории озмунҳои «Омӯзгори сол» ва «Мураббии сол» | Январ | Декабр | Ҳавасмандгардонии иштирокчиён | Шуъбаи молия, банақшагирӣ ва хоҷагидорӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 12. | Гузаронидани семинар- воҳӯрӣ бо раисони ташкилотҳои ибтидоии зерсохтори кумита оид ба нуктаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Январ | Декабр | Ҷамъомад дар кумитаи ҷумҳуриявӣ | Шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузорӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 13. | Тибқи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани «Соли ҷавонон» баргузор намудани мусобиқаҳои варзишӣ | Январ | Май | Ғолибони мусобиқа | Шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалӣ, комиссияи кор бо ҷавонон | Раиси кумита, муовини раиси кумита |

С. 4

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Ташкил намудани ташкилоти иттифоқи касаба дар муассисаҳои соҳаи маориф, ки то ҳол иттифоқи касаба надоранд | Январ | Декабр | Ҷалби кормандон ба иттифоқи касаба | Шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузорӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 15. | Ташкил ва гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо раисони кумитаҳои зерсохтор, аз ҷумла раисони тозаинтихоб дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии дар тавозуни кумита мавҷудбуда оид ба қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | Июн | Сентябр | Рӯйхати раисон | Шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузорӣ, нозири ҳуқуқ, нозири меҳнат, тренерҳо | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 16. | Иштироки раисон ва нозирони кумитаҳо дар кори комиссияи қабули муассисаҳои таълимӣ ба соли хониши 2017- 2018 | Август | Сентябр | Ҳисоботи солона | Раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 17. | Баргузории ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Иди касбии омӯзгорон | Рӯзи иди касбии омӯзгорон | Октябр | Барномаи муфассали чорабинӣ | Комиссия оид ба корҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, комиссия оид ба корҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 18. | Ташкил намудани чорабиниҳо бахшида ба «Рӯзи театр» дар байни фаъолони иттифоқи касаба | Январ | Декабр | Нақшаи кори комиссияи доимӣ оид ба корҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ | Комиссияи доимӣ оид ба корҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 19. | Баргузории озмуни «Парчами сайёр» - и Иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ташкилотҳои иттифоқи касабаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Декабр | Декабр | Иштироки ғолибони озмунҳои вилоятӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ | Комиссияи тадорукот, раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 20. | Ташкил намудани сайру саёҳат ба марказҳои фарҳангӣ, илмӣ ва ёдгориҳои таърихӣ барои фаъолони иттифоқи касаба ва донишҷӯёне, ки аъзоёни иттифоқи касабаанд | Январ-декабр | Декабр | Барномаҳои фарҳангӣ | Раисони кумитаҳо, комиссияи доимӣ оид ба корҳои фарҳангию оммавӣ ва варзишию солимгардонӣ | Раиси кумита, муовини раиси кумита |
| 21. | Омӯзиши ба талаботи Кодекси меҳнат мутобиқ будани санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ва иттифоқи касабаи соҳа | Январ-декабр | Декабр | Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ | Нозири ҳуқуқ, нозири меҳнат | Раиси кумита |
| 22. | Гузаронидани чорабиниҳои ҳамраъии иттифоқи касаба бахшида ба: Рӯзи байналмилалии баробарии иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Асамблеяи генералии СММ эълон шудааст; Рӯзи байналмилалии ҳифзи меҳнат; Рӯзи байналмилалии ҳаракати «Барои меҳнати арзанда»; 23 феврал – Рӯзи Артиши миллӣ; 8 март - Рӯзи модарон; 1 сентябр - Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ; Рӯзи «Иди касбии омузгорон», 12-июн – Рӯзи байналмилалии мубориза алайҳи шаклҳои меҳнати вазнини кӯдак | Дар давоми сол | Рӯзи дахлдор | Нақшаи чорабинӣ | Раисони кумитаҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | Раиси кумита |

**Бо қарори раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.12.2017, № 4 тасдиқ шудааст**

# РАЁСАТИ САЙЁР ДАР ДАРВОЗ

16 декабри соли 2016 дар ноҳияи Дарвоз раёсати сайёри кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми вилоят доир гардид, ки дар он муовини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Қурбонов, ҳуқуқшиноси Федератсияи иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ А.Саидзода, сармутахассиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ Ш.Расулов, раиси кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ВМКБ С.Шогунзафаров ва раисони кумитаҳои иттифоқҳои касабаи шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок намуданд.

Ҳадаф аз баргузории ҷаласаи раёсат шинос шудани иштирокчиёни ҷаласа бо фаъолияти кори ҳуҷҷатнигории кумитаи иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимӣ ва кумитаи иттифоқи касабаи соҳавии ноҳия мебошад.

Дар ҷаласа асосан масъалаҳои иҷрои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳолати ҳифзи меҳнати кормандон дар муассисаҳои таълимии ноҳия ва назорати иҷрои ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартномаҳои коллективӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Дарвоз мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Қайд гардид, ки яке аз масъалаҳои муҳими нақшавӣ, ки бевосита ба ҳифзи меҳнати аъзоён вобаста мебошад, масъалаи истироҳату табобати омӯзгорон ва коркунони хурди муассисаҳои таълимӣ ва аҳли оилаи онҳо мебошад, ки кумита ба ин масъала диққати махсус медиҳад. Дар соли 2016 ба 10 нафар омӯзгорон ва аҳли оилаи онҳо роҳхат бо осоишгоҳҳою фароғатгоҳҳои ҷумҳурӣ харидорӣ карда шуд.

Ҳамчунин, раисони иттифоқи касаба аз рӯи нақшаи кории худ фаъолият намуда, ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва риояи тартибу интизом, дастгирии кормандон дар лаҳзаҳои зарурӣ диққати махсус медиҳанд. Оид ба масъалаи мазкур фармоиши роҳбарони муассиса ва дар ин замина нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, ситоди доимоамалкунанда низ ташкил шудааст.

Кормандони техникӣ бо либоси махсус таъмин буда, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ, пайвасти ноқилҳои барқӣ, гузоштани аломатҳои шартӣ, истифодаи асбобу мошинҳои бо барқ коркунанда дар кабинетҳо ва устохонаҳои таълимӣ, зери назорати доимӣ қарор дорад.

Паҳлуи мусбати фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳия дар самти ҳавасмангардонии аъзоёни кумита баръало зоҳир мегардад. Соли 2015-2016 24 нафар омӯзгори соҳибтаҷриба бо унвони фахрии «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 26 нафар ба Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм ва раиси ВМКБ қадрдонӣ карда шуданд. Дастгирии бевоситаи кумитаи иттифоқи касабаи маориф аст, ки омӯзгори варзида Б.Атобеков бо ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф сарфароз гардонида шуд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳия баъзе кабудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо масъулияти бештарро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, дар идомаи ҷаласа тамоми раисони кумитаҳои иттифоқи касабаи маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят аз аттестатяи навбатӣ гузаронида шуданд.

**Ш. МАҲМАДХУҶАЕВ,**
**раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Дарвоз**



# СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАДДИ АВВАЛ

Паёмҳое, ки ҳамасола аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзури мо мегардад, ҷараёни иҷрои татбиқи вазифаву ҳадафҳои стратегии кишварро дар ҳама самтҳо баррасӣ карда, мувофиқи вазъи бавуҷудомадаи иқтисодиву иҷтимоии кишварамон, инчунин бо назардошти таҳаввулоти ҷаҳони муосир як қисми онҳоро такмил дода, мақсадҳои навро муайян ва мушаххас месозад.

Пешвои миллат дар Паёми имсолаи хеш дар самти сиёсати иҷтимоии кишвар таъкид намуданд, ки: "Дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди неруи инсонӣ нигаронида шуда, ба масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад".

Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш аз хусуси таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ба анъанаҳои неки гузаштагон сазовору содиқ, ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик гардондани низоми таълим низ таъкид ба амал меоваранд. Дар ин маврид дар Паёми имсолаи хеш иброз намуданд, ки: "Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ҳарчанд ки дар ин самт натиҷаҳои муайян ба даст омадаанд, вале онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем".

Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш ва дар дидору мулоқотҳо бо аҳли ҷамоатчигии кишвар аз падару модарон, устодон мудом талаб мекунанд, ки бештар диққати наврасону ҷавононро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд.

Дар Паёми навини хеш низ падару модарон ва устодонро ҳидоят карданд, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб созанд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд.

Пас, имрӯз вақти он расидааст, ки мо - аҳли маориф ва ҷомеа ба масъалаи сифати таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани маърифатнокию ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии фарзандон саҳми арзанда гузорем.

Бо ин ки рафти Паёмро ҳамасола мо ба воситаи телевизион тамошо мекунем, он боз алоҳида мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор мегирад. Бояд моҳияти Паёмҳои Пешвои миллатро ба дурустӣ дарк ва аз рӯи он фаъолиятамонро беҳтар намоем ва ба сӯи ҳадафҳои бузурги созандагӣ қадамҳои устувор гузорем. Зеро ба таъкиди Пешвои миллат: "Истиқлолияти давлатӣ ва озодӣ барои мо неъматҳои муқаддастарин ва бузургтарин мебошанд, ки тамоми дастовардҳои мо аз онҳо вобастаанд. Аз ин рӯ, ҳифзи озодиву истиқлолият ва манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсти ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад".

**Сироҷиддин ГУРЕЗОВ,**
**мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ**

# ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАС

10 декабри соли 2016 ҷаласаи раёсати навбатии кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Раиси кумита Б. Усмонова иштирокдоронро бо кори ҷаласа шинос намуда, сипас, доир ба фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017 ҳисобот дод. Ҳамчунин, иҷрои нақшаи фаъолияти кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе дар соли 2016 ва тасдиқи нақшаи фаъолияти кумита барои соли 2017, рафти иҷрои шартномаҳои коллективӣ дар муассисаҳои таҳсилотии ноҳияи Сино, иҷрои Созишнома оид ба ҳифзи меҳнат байни раёсати маориф ва кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳр дар соли 2016 ва тасдиқи Созишнома оид ба ҳифзи меҳнат байни раёсати маориф ва кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳр барои соли 2017 аз ҷумлаи масъалаҳое буд, ки мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Қайд карда шуд, ки кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳр баҳри беҳдошти фаъолият ва афзудани шумораи аъзоёни иттифоқи касаба кӯшиш ба харҷ дода, натиҷаҳои назаррасро ба даст овард. Агар соли 2015 шумораи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба 215 адад ва аъзоёни он 12525 нафарро ташкил диҳад, пас соли 2016 бошад, шумораи ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба 218 адад ва шумораи аъзоёни он ба 13358 нафар расонида шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 833 нафар зиёд мебошад.

Аз рӯи нақшаи фаъолият дар пленум ва ҷаласаҳо тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд.



Ҳамзамон, иттилоъ дода шуд, ки кумита дар фаъолияти худ ба масъалаҳои мониторинги ба касалиҳои касбӣ гирифтор шудани аъзоёни иттифоқи касаба, солимгардонии кормандони соҳа, расонидани ёрии моддӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони соҳа, ҷудо намудани маблағ ба муассисаҳои таҳсилотӣ барои гузаронидани чорабиниҳои маданӣ- фарҳангӣ, ба истироҳати тобистона фаро гирифтани кӯдакону наврасон, риояи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқ дар муассисаҳои таҳсилотии шаҳр, муроҷиати хаттию шифоҳии кормандони соҳа, роҳбарӣ аз болои фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, кор бо мутахассисони ҷавон, иҷрои қарорҳои раиси шаҳри Душанбе доир ба ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа диққати махсус дод.

Бахшида ба 25-солагии таҷлили Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати маорифи шаҳр дар ҳамкорӣ бо кумитаи иттифоқи касабаи маориф дар байни кормандони соҳаи маорифи пойтахт мусобиқаҳои варзишии волейбол, бозиҳои рӯйи мизӣ, озмуни "Истироҳатгоҳи беҳтарини беруназшаҳрӣ" гузаронид, ки ғолибон аз тарафи кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳр қадрдонӣ карда шуданд.

Ш.Саъдиев-сармутахассиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баъзе паҳлуҳои дигари фаъолияти иттифоқи касаба ҳарф зада, ёдовар шуд, ки дар ҳақиқат дастовардҳои кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе хеле зиёд мебошад, ки яке аз он ду маротиба соҳиби "Парчами сайёр"-и Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидан аст.

Муовини сардори раёсати маорифи шаҳри Душанбе Ф.Худоёров қайд намуд, ки ҳамкории кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе бо раёсати маориф тибқи Созишномаи минтақавӣ барои солҳои 2015-2017 ба роҳ монда шуда, дар он масъалаҳои амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи маориф, иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон, гузаронидани аттестатсияи кадрҳои педагогӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ, озмунҳои касбии кормандони соҳа, аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ташкили истироҳати тобистонаи хонандагон ва солимгардонии кормандони соҳа, таъмини кормандон ба манзили истиқоматӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ва дигар чорабиниҳо якҷоя амалӣ карда шуданд.

С.Курбонов - раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ доир ба фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи муассисаҳои таҳсилотии ноҳияи Фирдавсӣ дар соли 2016 баромад намуд.

Дар идомаи ҷаласа маърӯзаи М. Аҳмадов – нозири меҳнати кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳр оид ба рафти иҷрои шартномаҳои коллективӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 19, 33, 38, 56, 66 -и ноҳияи Сино шунида шуд.

Қайд гардид, ки дар баробари иҷрои бандҳои шартномаи коллективӣ дар муассисаҳо амалӣ нагардидани иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯйи шароити меҳнат", ки дар шартномаи коллективӣ ворид карда шудааст, ба назар мерасад.

Раёсати маориф бо кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе бо мақсади беҳтар намудани вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Душанбе ва тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 28, 35), Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 318, 325, 331, 363), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф», «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, созишнома оид ба ҳифзи меҳнатро ба имзо мерасонад.

Доир ба натиҷагирии Созишнома оид ҳифзи меҳнат байни кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва раёсати маорифи шаҳри Душанбе дар соли 2016 маълум гардид, ки дар баробари иҷрои бандҳои созишнома банди 5 (ҷудо намудани маблағи зарурӣ бо мақсади аз муоинаи тиббӣ гузаронидани кормандон, обуна ба маҷаллаву рӯзномаҳои даврӣ дар муассисаҳои таҳсилотии пойтахт) дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ пурра, ноҳияи Шоҳмансур ва Фирдавсӣ қисман ҳал гардида, дар ноҳияи Сино роҳи ҳалли худро наёфтааст. Сабаби иҷро нагардидани ин банд дар сметаи хароҷоти муассисаҳо пешбинӣ нашудани маблағҳои зарурӣ мебошад.

Дар охири кори ҷаласа раиси кумита Б. Усмонова вазифаҳои кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанберо барои соли 2017 муайян намуда, таъкид дошт, ки барои боз ҳам хубтар ва беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти кумита саъю кӯшиши худро равона сохта, ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад.

**М. АҲМАДОВ,**
**нозири меҳнати кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Душанбе**

# МАКТАБ-ИНТЕРНАТ: дастовард ва камбудиҳо



**Гурӯҳи кории Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баъзе мактаб-интернатҳои шаҳру ноҳияҳои Ҳисору Турсунзода, Рӯдакию Шаҳринав дидан намуданд. Мақсади боздид аз Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор, Хонаи кӯдакони шаҳри Турсунзода, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавониашон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим ва бепарастори ноҳияи Шаҳринав ин шинос шудан бо вазъи кор оид ба коргузорию ҳуҷҷатнигорӣ, таъмини тарбиятгирандагон бо маводи ғизоӣ ва сифати он, инчунин, риоя гардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ буд.**

Бояд зикр намуд, ки бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи таълиму тарбия ва зисти кӯдакон дар ин муассисаҳо дар қиёс ба солҳои пеш беҳтар гардидааст. Инчунин, барои омӯзгорон, мураббиён ва дигар кормандони ин муассисаҳо шароит барои кор фароҳам оварда шудааст. Бино ва ошхонаи муассисаҳо таъмир карда шуда, барои фаъолияти хуби муассисаҳо мусоидат мекунад. Ин муассисаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ширкатҳои алоҳидаи давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ вобаста карда шудаанд ва ҳамасола аз ҷониби сарпарастон ба ин муассисаҳо ёрии беғаразона расонида мешавад.

Агар ба таҷрибаи гузашта, яъне, замони Иттиҳоди Шӯравӣ назар андозем, бисёр олимон ва шахсиятҳои бузурге, ки миллати моро ба оламиён муаррифӣ кардаанд, маҳз дар чунин мактабҳо тарбия ёфтаанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон борҳо қайд карданд: «нафароне, ки дар чунин муассисаҳо тарбия меёбанд ба миллат ва давлат содиқона хизмат мекунанд, чунки онҳо ба қавле нону намакӣ давлатро хӯрда онро пос медоранд».

Дар раванди санҷиш ба тарзи омода кардан ва риояи талаботҳои санитарӣ ҳангоми тайёр намудани ғизо барои тарбиятгирандагони муассисаҳо диққати махсус зоҳир карда шуд, чунки ғизо ин омили асосии инкишоф ёфтан ва бузург шудани ҷисми кӯдак мебошад. Ғизои серкалория ва хушсифат танҳо он вақт ҳисоб меёбад, ки мутаносибияти миқдории энергияи сарфнамудаи кӯдакро пурра ҷуброн кунад. Ғизо бояд ҳамаи витаминҳо ва микроэлементҳои муҳимро дар таркиби худ дошта бошад.

Тарбиягирандагони ин муассисаҳо бо сару либос вобаста ба фасли сол таъмин буда, рахти хоби онҳо низ тоза мебошад. Дар қатори мақомот ва ниҳодҳои давлатӣ соҳибкорон ва шахсони алоҳида низ ба мактаб-интернатҳо ёрии худро мерасонанд, ки ин боиси хурсандии кӯдакони дар ин муассисаҳо тарбиятгиранда мегардад.

Мактаб-интернаҳое, ки дар онҳо санҷиш гузаронида шуд, бо кадр пурра таъмин мебошанд, аммо қисми зиёди омӯзгорон, мураббиён ва роҳбарони ин муассисаҳо ниёз ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос доранд. Аз ҷумла, ҳамшираҳои тиббӣ, ки вазифаашон омода кардани номгӯи хӯрокҳои ҳаррӯза мебошад, оид ба ин масъала касбияти хуб надоранд ва аз ин сабаб тавсияи Институти ғизои назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурҳои омоданамудаи мутахассисони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гуногунрангии ғизо, калориянокӣ ва миқдори он ба инобат гирифта намешавад. Суҳбат бо ошпазҳои ин муассисаҳо нишон дод, онҳо барои кӯдакон бештар таомҳои хамирӣ омода мекунанд, то ин ки кӯдакон гурусна намонанд. Инчунин, синну сол ва вазъи саломатии онҳо ба инобат гирифта намешавад. Номгӯи хӯрок дар муассисаҳо мавҷуд мебошад ва он аз тарафи ҳамшираи тиббӣ тартиб дода шуда, аз ҷониби роҳбари муассиса тасдиқ карда шудааст. Аммо он на ҳама вақт риоя карда мешавад. Ҳолатҳои дар номгӯи хӯрок дигар хӯрок нишон дода шуда ва дар асл барои кӯдакон дигар хӯрок омода карда шудан ба назар мерасад. Масъулони муассисаҳо сабаби инро дар кам будани маблағгузорӣ мебинанд. Тибқи иттилои онҳо барои тарбиятгирандагон дар як рӯз аз 5 то 7 сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад. Аз ин лиҳоз, онҳо маҷбуранд бо назардошти ҳамин маблағ хӯрок омода намоянд. Муҳим аз ҳама, реҷаи додани ғизо ва таркиби он барои кӯдакони синну соли гуногун ва инчунин, тарзи тайёр кардани таом, оро додани он, ҷойи истеъмоли он нақши муҳим мебозад. Истеъмоли нодурусти хӯрок ва риоя накардани ҳамҷоякунии он бо дигар маҳсулоти хӯрока инсонро ба бемориҳои гуногун гирифтор мекунад.

Омӯзгорон, мураббиён ва дигар кормандони муассиса аз ҳисоби худ аз муоинаи тиббӣ мегузаранд, зеро дар сметаи хароҷоти муассиса ба ин мақсад маблағ пешбинӣ карда нашудааст. Хароҷоти аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормандон аз 50 то 80 сомониро ташкил медиҳад. Ҳол он, ки ин хилофи талаботи моддаи 333 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ низ дар мактаб-интернатҳои санҷидашуда беҳбудӣ мехоҳад. Дар аксари муассисаҳои санҷидашуда, ба истиснои Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор ин мушкилот мавҷуд аст. Дар коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ камбудиҳои зерин вуҷуд доранд: вазифаҳои хизматии кормандон ва қоидаҳои тартиботи меҳнати дохилии муассиса тартиб дода нашудааст, нақшаҳои тахлия (эвакуатсия) нодуруст тартиб дода шудаанд, фармоишҳои роҳбарон ҳанӯз ҳам тибқи талаботи Кодекси меҳнати пештара тартиб дода мешаванд. Ҳол он ки аз 23 июли соли 2016 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардида, Кодекси пештара аз эътибор соқит дониста шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки шумораи кӯдакони ятими кул ва нимятим дар ин муассисаҳо на он қадар зиёд буда, асосан кӯдакон аз оилаҳои камбизоат мебошанд. Шумораи чунин кӯдакон дар муассисаҳо кам аст ва ҳамагӣ аз 10 то 15 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, савол ба миён меояд, модоме, ки дар даҳсолаи охир сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 81 фисад то ба 30 фисад поин рафтааст, пас чаро шумораи кӯдакон дар ин муассисаҳо коҳиш намеёбад? Ин масъала татқиқоти иловагиро тақозо мекунад. Аммо як чиз мусаллам аст, ки ҳатто беҳтарин мактаб-интернат ва беҳтарин омӯзгорону мураббиён муҳити оила ва навозиши падару модарро иваз карда наметавонад.

Аз ин лиҳоз, оид ба фаъолияти мактаб-интернатҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда бояд татқиқоти ҳамаҷониба аз ҷониби гурӯҳи ваколатдор аз ҳисоби мутахассисони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон гузаронида шуда, хулосаи мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад, зеро дар чунин муассисаҳо шумораи ками ятимони кул ва нимятим ба тарбия фаро гирифта шудаанд. Вақти он расидааст, ки ин кӯдакони ятим ва нимятим аз тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ дар як муассисаи шароиташ хуб ва бо маблағгузории зиёдтар гирд оварда шуда, ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд.

Инчунин, бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбия дар мактаб интернатҳо пешниҳод менамоем, ки:

-бо назардошти дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудани коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор семинари омӯзишӣ барои роҳбарони дигар мактаб-интернатҳо ташкил шавад;

- мактаб-интернатҳо бо мутахассисони хӯрокшинос (диетолог) таъмин карда шаванд;

- тартиби харидорӣ намудани маводи ғизоӣ, доруворӣ ва маҳсулоти сӯзишворӣ барои мактаб-интернатҳо таҷдиди назар карда шавад;

- омӯзгорон ва мураббиёни ин муассисаҳо бо назардошти хусусияти корашон аз курсҳои бозомӯзӣ гузаронида шаванд;

- таҳлили фаъолияти мактаб-интернатҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа гузаронида шуда, натиҷаи асоснокcардашуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**М.ҚУРБОНОВ, муовини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# «ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2016» ҶАМЪБАСТ ГАРДИД



Ҳамасола бо мақсади дарёфт ва густариш бахшидани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ҳавасмандгардонӣ, тарғиби навҷӯию эҷодкорӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

Озмуни навбатӣ аз 27 то 29 декабри соли 2016 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар ифтитоҳи он муовини вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Латофат Назирӣ аз дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба соҳаи маориф ёдовар шуда, дар робита ба ҳадафҳои озмун як қатор пешниҳодҳо манзур дошт.

-Фикр мекунам, ки барои шиносоии аъзои ҳакамон бо фаъолияти довталабони озмун ба пойтахт овардани аёниятҳои зиёди таълимӣ зарурат надорад, - зикр кард ӯ. –Вобаста ба ин ва пешрафти технологияи компютерӣ дар шакли электронӣ доираи васеи фаъолияти омӯзгорро дар мисоли портфолио ҷой додан имкон дорад. Ба ин васила мо метавонем бо фаъолияти касбиву методӣ, донишҳои равонию технологӣ ва ҳам ба ҳунари омӯзгории онҳо шинос шавем. Муҳим он аст, ки натиҷаи кори довталабро мо тавассути мақолаҳои илмиву методияш, ки дар нашрияҳои соҳавӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба табъ расидаанд, дастурҳои методияш, ки бо тавсияи идораҳои масъули соҳа ба чоп пешниҳод шудаанд, фаъолияти шогирдонаш, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардидаанд ва дар забони фасеҳу нутқи буррояш мушоҳида карда тавонем.

Сипас, муовини сардори раёсати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ Қутбиддин Муҳиддинов, ки ҳамзамон, раисии ҳакамони озмунро бар дӯш дошт, довталабонро бо ҳайати ҳакамон ва шартҳои озмун шинос кард.

Озмун 7 шартро дар бар мегирифт. Дар ибтидо муаррифии фаъолияти довталабон тавассути технологияи компютерӣ (слайдҳо) сурат гирифт. Мавриди зикр аст, ки довталабон воситаҳои аёниву дастовардҳои худро дар гӯшаҳои алоҳида низ пешниҳод карда буданд. Баҳогузорӣ аз рӯи самтҳои таҳлили махзани пешниҳодшуда, истифода аз технологияи муосир, мавҷуд будани риояи педагогӣ, мазмун ва пайдарҳамии ҷойгиркунии мавод дар портфолио, мазмуннокии маводи пешниҳодшуда дар махзан, дизайн ва сифати ҷойгиркунонии портфолио, арзиши маводи махзан барои паҳнкунонӣ сурат гирифт.

Бояд ёдовар шуд, ки дар озмун Идибек Мирзораҳимов (омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10, шаҳри Ваҳдат), Нилуфар Сабоиева (омӯзгори синфҳои ибтидоии литсейи Президентии шаҳри Хоруғ), Меҳринисо Сатторова (омӯз-гори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, ноҳияи Ёвон, вилояти Хатлон), Замира Рустамова (омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таълимии махсусгардонидашудаи хонандагони болаёқат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, вилояти Суғд), Наргиза Бозорбоева (омӯзгори гимназияи №74, шаҳри Душанбе) ширкат доштанд.

Расми анҷоми озмун дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илм баргузор гардид. Муовини вазири маориф ва илм Латофат Назирӣ аз ҷараёни озмун ва фаъолияти ҳакамон изҳори қаноатмандӣ намуда, иштироки фаъоли ҳамаи довталабонро ғолибият арзёбӣ кард.

Дар ҷамъбаст Замира Рустамова, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таълимии махсусгардонидашудаи хонандагони болаёқат аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2016» эълон гардид.

Аз тарафи кумитаи тадорукот ба ғолиби озмун 4000 сомонӣ мукофотпулӣ дода шуд. Ҳамаи довталабон соҳиби нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои хотиравӣ гардиданд. Муовини раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи маориф ва илми ҷумҳурӣ Муҳаммад Қурбонов ҳамаи иштирокдоронро муборакбод гуфта, аз номи кумита ба ҳар кадоме як планшет ва роҳхат ба осоишгоҳ супорид.

**С.НАБИЕВА**

# ХОБГОҲ: чӣ ҳол дорӣ донишҷӯ?

**(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта)**



Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дорои 5 хобгоҳ барои донишҷӯён ва 1 хобгоҳ барои устодон ва кормандон мебошад. Ҳолати санитарии хобгоҳҳо хело хуб буда, ҳар сол аз таъмир баровstatic мешаванд.

Дар даромадгоҳи хобгоҳҳо сипари оташхомӯшкунӣ, Низомномаи қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Низомномаи шӯрои донишҷӯён дар хобгоҳ, рамзҳои муқаддасоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯйхати истиқоматкунандагони хобгоҳ, дафтари қайд ва ғайраҳо бо тартиби муайян гузошта шудааст. Ҳамзамон, имрӯзҳо донишгоҳ имкони донишҷӯёни дигар донишгоҳҳоро бо хобгоҳ таъмин карданро дорад. Маблағи хобгоҳҳо мутаносибан аз 70 то 90 сомониро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С Осимӣ 7 хобгоҳ мебошад, ки дар маҳаллаҳои гуногуни шаҳр ҷойгиранд. Донишҷӯён мувофиқи мавқеи ҷойгиршавии факултетҳо бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд. Инчунин, донишҷӯён аз имтиёзҳо бархурдор буда, донишҷӯёни ятими кулл бе навбат ва ройгон таъмин шуда, нимятим ва маъюбон аз пардохти 50% маблағи хобгоҳ озоданд.

Рӯйхати истиқоматкунандагон дар ҳуҷраҳои хобгоҳ тартиб дода шудааст. Хобгоҳҳои донишгоҳ бо ашёву маводҳои зарурӣ таъмин мебошанд, вале ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхонаҳо қисман таъмирталаб мебошанд. Гирду атрофи хобгоҳҳо на он қадар тозаву озода буда, роҳбарияти донишгоҳ тасмим дорад, ки соли 2017 хобгоҳҳоро пурра аз таъмир барорад.

Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 3 бинои хобгоҳ мебошад. Дар хобгоҳҳо тамоми шароит муҳайё карда шудааст. Аз ҷумла, ҳамаи ошёнаҳои биноҳои хобгоҳ бо оби нӯшокии доимӣ, нерӯи барқ, ошхонаҳо бо плитаҳои замонавӣ, ҳаммом дар ҳар як ошёна 2-тогӣ, ҳоҷатхона, ҳуҷраи дастшӯӣ таъмин мебошанд. Инчунин, ҳуҷраҳои истиқоматии хобгоҳҳо дар давраи таътали тобистонаи соли 2016 пурра аз таъмири косметологӣ баровarda шуда, бо таҷҳизоти инвентарӣ, аз ҷумла, мизу курсӣ, ҷевон, катҳои хоб таҷҳизонида шуда, бо таҷҳизоти барқии гармидиҳанда (радиатор) таъмин шудаанд.

Дар хобгоҳҳо вазъи санитарию гигиенӣ дар ҳолати хуб қарор дорад. Аз ҷумла, аз ҷониби фаррошон ҳамарӯза роҳравҳо, ошхона, ҳаммому ҳоҷатхонаҳои хобгоҳҳо бо маҳлули хлор тоза карда мешавад. Умуман, вазъи санитарию гигиении биноҳои хобгоҳҳои донишҷӯён мунтазам аз ҷониби ҳамшираҳои шафқати нуқтаи тиббӣ зери назорати қатъӣ қарор доранд. Гирду атрофи бинои хобгоҳҳо бо камераҳои мушоҳидавӣ назорат карда мешаванд.

Хобгоҳи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов дар шаҳрчаи Лучоб ҷойгир шуда, 460 нафар донишҷӯ аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ истиқомат мекунанд, ки маблағи пардохти 1 моҳаи зист 50 сомониро ташкил медиҳад. Инчунин, аз шумораи духтарон 20 нафар дар хобгоҳ ройгон зиндагӣ намуда, 8 нафар ятим, 32 нафар камбизоат, 2 нафар маъюб, 46 нафар тибқи квота таҳсилкунанда мебошанд, ки аз ҷониби маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касаба бо хӯроки бепул таъмин шудаанд.

Дар ҳуҷраҳо 6 нафарӣ аз минтақаҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Ҷиҳози хоби донишҷӯён дар 2 ҳафта 1 маротиба иваз шуда, донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматдошта бо ордер ва рухсатнома таъминанд. Нуқтаҳои истифодаи умумӣ (ташноб, ҳаммом, ҷои дастшӯӣ, ошхона) амал мекунад, ки баъд аз таъмир шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Ҳамчунин, навбатдорӣ аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён ба роҳ монда шуда, атрофи хобгоҳ низ тозаву озода мебошад.

Дар тавозуни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ҳамагӣ 1 хобгоҳ аст, ки аз ҷониби раёсати донишкада ошёнаи 2 ва 3 пурра таъмир шуда, бо мизу курсиҳои нав, асбобу анҷоми зарурӣ таъмин карда шудааст.

Ҳамчунин, дар хобгоҳи донишкада 16 нафар омӯзгор истиқомат мекунанд, ки аз ҷониби онҳо ҷадвали навбатдорӣ ташкил шуда, дар гирду атрофи хобгоҳ, дохили бино камераҳои мушоҳидавӣ, таҷҳизоти аз оташ воқифкунанда ва турникет васл карда шудааст.

Бо дастгирии маъмурияти донишкада ва ташаббуси раиси иттифоқи касаба донишкада барои донишҷӯён мошини хизматии тамғаи «Газел» ташкил кардааст, ки ҳамарӯза донишҷӯёнро то донишкада мебарад.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа 55 нафар донишҷӯро бо хобгоҳ таъмин намудааст. Хобгоҳи мазкур бо обу барқ ва ҷиҳози гармидиҳӣ ва инчунин, бо нӯҳ синфхона таъмин буда, он ҷо донишҷӯёни ихтисоси таъриху диншиносӣ низ таҳсил мекунанд.

Хобгоҳи мазкур аз тарафи қисми тарбия, иттифоқи касаба ва бахши ҷавонони донишкада пайваста зери назорат қарор дорад ва инчунин, аз тарафи сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ тибқи ҷадвали навбатдорӣ ҳар шаб назорат бурда мешавад.

Дар Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар ш. Душанбе яке аз мушкилоти мавҷудае, ки тайи солҳои фаъолияташ ҳалли худро наёфтааст, ин набудани хобгоҳи донишҷӯён мебошад. Бо супориши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қабати панҷуми хобгоҳи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода мутобиқи шартнома барои донишҷӯёни филиал 50 ҷойи хоб ҷудо карда шудааст, мутаассифона, бо сабабҳои номаълум дар хобгоҳ 5 нафар донишҷӯи филиал истиқомат дорад.

Барои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон биное воқеъ дар кӯчаи Маяковский 1 ҷудо карда шуд, ки барои 200 нафар донишҷӯ хонаи истиқоматӣ дорад. Аз рӯи нақшаи сохтмонӣ бино то охири соли 2017 аз таъмир бояд баровarda шавад.

Дар вилояти Хатлон хобгоҳҳои Донишкадаи энергетикиии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Н. Хусрав, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа, Донишгоҳи давлатии Данғара, дар вилояти Суғд хобгоҳҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Шароити зист, ҳолатҳои санитарию гигиенӣи хобгоҳҳои муассисаҳои мазкур ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Ба истисноӣ хобгоҳи Коллеҷи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа, ки нуқтаҳои истифодаи умумӣ, ҷойи хӯроктайёркунӣ, ҳоҷатхона ва ҷойи шустушӯ ҳолати санитарӣ-гигиенӣ риоя карда намешавад ва хобгоҳи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, ки баъзе аз мизу курсиҳо таъмирталаб буда, ошхонаю ташноб бо лавозимоти зарурӣ таъмин нестанд.

Бояд қайд кард, ки дар Донишгоҳи давлатии Данғара бо ибтикори маъмурият дар назди донишгоҳ курсҳои омӯзиши дӯзандагӣ, гулдузӣ, бофандагӣ таъсис дода шуда, ошхонаи замонавии назди донишгоҳ шабонарӯзӣ амал намуда, дорои 200 ҷои нишаст мебошад. Ошхона пурра таҷҳизонида шуда, 5 нафар коргар дорад. Коргарон бо дафтарчаҳои беҳдоштӣ таъмин буда, дар вақти муайяншуда аз ташхиси духтур гузаштаанд. Ҳолати ошхона аз лиҳози санитарӣ-гигиенӣ аъло аст. Номгӯи хӯрокҳо, нархнома (меню) мавҷуд буда, дар ҷои намоён овезон карда шудааст. Нарх арзон буда, барои донишҷӯён дастрас мебошад ва бо раиси кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи донишгоҳ мувофиқа карда шудааст.

Ҳамчунин, дар хобгоҳи Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров маҳфилҳои қолинбофӣ, муҳрадӯзӣ, гулдузӣ, сӯзандӯзӣ, дузандагӣ ташкил карда шудааст, ки ба он донишҷӯёни ба хобгоҳ истиқоматкунанда ҷалб шудаанд.

Дар ҳолати кунунӣ дар хобгоҳҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев зиёда аз 600 нафар донишҷӯ ва 27 нафар омӯзгорону кормандон истиқомат менамоянд. Аз ҷумла, аз вилояти Хатлон 72 нафар, вилояти Суғд 23 нафар, ноҳияҳои тобеи марказ 9 нафар, шаҳри Душанбе 4 нафар, ноҳияи Дарвоз 1 нафар, Ванҷ 51 нафар, Рушон 125 нафар, Шуғнон 54 нафар, Рошткалъа 90 нафар, Ишкошим 155 нафар, Мурғоб 12 нафар ва аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 3 нафар, Қирғизистон 1 нафар истиқомат карда истодаанд. Дар ҳуҷраҳо донишҷӯён аз 4 то 6 нафарӣ ҷо ба ҷо карда шудаанд.

Дар хобгоҳҳо гӯшаи қоидаҳои тартиботи дохилӣ барои донишҷӯён, Суруди миллӣ, Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, акси Пешвои миллат, порчаҳо аз суханони Президенти мамлакат ва панду ҳикматҳо аз осори классикони форсу тоҷик насб карда шудааст. Донишҷӯён аз қоидаҳои дохилии хобгоҳ огоҳ ҳастанд.

Ҳуҷҷатгузорӣ бо тартиб ба роҳ монда шуда, фаъолияти Шӯрои донишҷӯён мувофиқи Низомномаи шӯрои донишҷӯён ба роҳ монда шуда, нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шудааст.

Ҳолати санитарӣ-гигиенӣ мувофиқи талабот риоя гардида, дар хобгоҳ навбатдории устодон ва донишҷӯён ба роҳ монда шудааст, ки дафтари қайди ҳолати ҳаррӯзаи навбатдорӣ мавҷуд аст. Ҳамчунин, дар рӯзҳои иду ҷашнҳо барои донишҷӯён дар хобгоҳ ғизои яквақта ташкил мегардад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар хобгоҳҳои донишгоҳи мазкур норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар хобгоҳ гӯшаи иттифоқи касаба ташкил карда нашудааст. Дарҳои баъзе аз ҳуҷраҳо ба таъмир ниёз доранд. Дар хобгоҳ нуқтаи ғизохӯрӣ ҳаст, вале аз ҷиҳати баланд будани нарху навои ғизо фаъолият намекунад ва раёсат ва КМИК-и донишгоҳ мақсад доранд, ки дарояндаи наздик онро мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд. Як қисми печҳои барқӣ низ таъмирталаб мебошанд.

Дар охир, бояд қайд кард, ки барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти хобгоҳҳо масъулияро зарур аст, ки дар хобгоҳҳо фаъолияти Шӯрои донишҷӯёнро ҷоннок намуда, нақшаи чорабиниҳоро дар якҷоягӣ бо дигар ташкилотҳои ҷамъиятии хобгоҳ таъсис дода, аз рӯи он чорабиниҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва сиёсӣ гузаронида шавад. Навбатдории устодон дар хобгоҳҳо мунтазам ба роҳ монда, ҷиҳати ташкил намудани курсҳои омӯзишии гуногун чора андешанд. Ҳамчунин, ба ҳолатҳои санитарию гигиении хобгоҳҳо диққати махсус дода шавад.

**«Ҳомии омӯзгор»**

# ҶАМЪБАСТИ СОЛ

Чанде пеш пленуми 4-уми кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми вилояти Хатлон баргузор гардид, ки дар он фаъолияти яксолаи кори кумита натиҷагирӣ шуд.

Қайд гардид, ки дар давоми сол дастгоҳи кумитаи иттифоқи касабаи соҳа дар асоси асноди меъёрию ҳуқуқӣ фаъолият намуда, ба корҳои оинномавӣ вусъат бахшида, ҷаласаҳои кумита ва раёсатҳоро бо омадагии ҳаматарафа ва иштироки тамоми раисони ташкилотҳои иттифоқи касаба доир кард. Аз болои фаъолияти ташкилотҳои шаҳрию ноҳиявии иттифоқи касаба назорат намуда, тавасути назорату иҷрои созишномаю шартномаи коллективӣ барои кормандон шароити мусоиду бехатари меҳнатӣ фароҳам овард.

Бо мақсади иҷрои қарори Анҷумани иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017- Соли ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба эълон карда шуда, дар доираи он озмуни вилоятии «Беҳтарин ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба» гузаронида мешавад.

Сипас, раиси кумитаи иттифоқи касабаи ноҳияи Данғара Қ. Худойбердиев, раиси кумитаи иттифоқи касабаи ноҳияи Восеъ Ҳ. Ҳамидов, нозири ҳифзи меҳнати кумитаи иттифоқи касабаи вилояти Хатлон Н. Шарифов ба музокира баромаданд. Ҳамзамон, дар кори пленум ҷонишини сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон С.Лутфуллоев иштирок ва суханронӣ намуд.

**Ҳикматулло ҲАМИДОВ,**
**«Ҳомии омӯзгор»**



ҲОМИИ ОМӮЗГОР

**Муассис:**
**Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
**Э. ХУШВАХТОВ**

Телефонҳо:
221-11-80
227-85-01
223-17-48
221-13-21
221-16-74

**e-mail:kasaba_tj@mail.ru**

Ҳайати таҳририя:
Шарифзода Исмоил Зариф, Р. Одиназода, М.С. Қурбонов, М. С. Мироватов, С. Б. Шогузанфаров, Ҳ. С. Раҳматов, О. П. Усмонова, Т.Р. Раҷабов

**Мухбирони минтақавӣ:**
Ҳ. Ҳамидов, И. Мақсудов.

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ЧДММ «Мега-принт» (кӯчаи **Борбад 36**) ба чоп расидааст.
Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 20, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Индекс: 734012

Суратҳисоби бонкии мо:
Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМА (ИНН) 01 000 37 95
20 20 29 72 61 690 1000 227
35 01 01 369
20 40 29 72 41 36 91
ҶСК Ориёнбонк, шаҳри Душанбе